## ПРОТОКОЛ №3

ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-073 назди МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”

19 январи соли 2024 шаҳри Хуҷанд

**Иштирок доштанд:** аз 11 нафар аъзои Шурои диссертатсионии бо фармони КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.06.2023, №162/шд тасдиқ гардида, 9 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 4 нафар доктороні илм аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравaнд.

Пешниҳод гардид, ки ҷаласа кушода эълон гардад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

## РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:

**1. Дар бораи ба ҳимоя қабул намудани диссертатсияи Хайруллозода Кароматулло дар мавзӯи “Таърихи таҳқиқоти бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ (солҳои 1929-1989)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик).**

Аз рӯи масъалаи мазкур раиси комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ Ғаффорӣ Н.У. баромад намуд (Хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

Инчунин, раиси Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои таърих профессор Давлатов Муллошо, доктори илмҳои таърих, профессор Н. Турсунзода (Турсунов), доктори илмҳои таърих, профессор Каримзода О.Қ., доктори илмҳои таърих Мамадалиев И.А. дар бораи пешниҳоди диссертатсияи ба ҳимоя ибрози ақида намуданд.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1.1. Диссертатсияи Хайруллозода Кароматулло дар мавзӯи “Таърихи таҳқиқоти бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ (солҳои 1929-1989)”, барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02- Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) ба ҳимоя қабул карда шавад.

1.2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

- Бобомуллоев Саидмурод Ғиёсович - доктори илмҳои таърих, профессор, директори Осорхонаи илмии бостонии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

- Раҳимова Шаҳноза Каримовна - номзади илмҳои таърих, Сардори раёсати илм, инноватсия ва робитаҳои байналмилалии Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон.

1.3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон тасдиқ карда шавад.

1.4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳ, чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва паҳнкунии он иҷозат дода шавад.

1.5. Санаи ҳимоя 5 апрели соли 2024 таъйин карда шавад.

**Қарор якдилона бо овоздиҳии ошкоро қабул карда шуд.**

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**д.и.т., профессор** **Давлатов Муллошо**
**Котиби илмии Шурои**
**диссертатсионӣ, н.и.т., дотсент** **Исамитдинов Ж.Б.**

**Имзои М. Давлатов ва Ж.Б. Исамитдиновро**
**тасдиқ менамоям:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров”** **Наврузов Э.**